# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-026 оид ба ҳимояи диссертатсияҳо ҷиҳати дарёфти драҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисосҳои 6D020100 – фалсафа, 6D020600 -диншиносӣ, ки дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таъсис ёфта, доир ба диссертатсияи Азизов Комил Ҷурахонович дар мавзӯи **“Фалсафаи ифтихори миллӣ ва давлатдорӣ дар “Шоҳнома” – и Абулқосим Фирдавсӣ”** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа.

Комиссияи экспертии Шӯрои диссертатсионӣ дар ҳайати зерин тасдиқ шудааст:

-доктори илмҳои фалсафа, профессор, Зиёев Идибег Ғозиевич, раиси комиссия;

-доктори илмҳои фалсафа, профессор, Самиев Бобо Ҷураевич, аъзо;

-доктори илмҳои фалсафа, профессор, Маҳмадова Меҳринисо Файзалиевна, аъзо.

Диссертатсияи Азизов Комил Ҷурахонович дар мавзӯи **“Фалсафаи ифтихори миллӣ ва давлатдорӣ дар “Шоҳнома” – и Абулқосим Фирдавсӣ”** дар омӯзиши масъалаҳои фалсафӣ як қадами нав ба ҳисоб меравад. Муаллифи диссертатсия қайд менамояд, ки масъалаҳои мухталифе, ки дар доираи “Шоҳнома” баррасӣ гардидаанд, аз ҷониби муҳаққиқони гуногун мавриди омӯзиш ва баҳогузорӣ қарор гирифта бошанд ҳам, лекин афкори иҷтимоӣ-фалсафии Фирдавсӣ, масъалаҳои ҷанг ва сулҳ, амният ва ифтихори миллӣ, давлату давлатдорӣ то ба ҳол ба таври муназзам таҳқиқ нашудааст. Аз ин рӯ, омӯзиши маҷмӯавии афкори иҷтимоӣ - фалсафии Фирдавсӣ дар чаҳорчубаи таҳлил ва таҳқиқоти таърихӣ -фалсафӣ саривақтӣ буда, муҳимияти таҳқиқи мавзӯи мазкурро муайян менамояд.

Дар «Шоҳнома» ақидаҳои фалсафӣ, ахлоқӣ, иҷтимоиву сиёсӣ ва динии Абулқосим Фирдавсӣ, ки дар замони имрӯза низ арзишманданд, гирд омадаанд. Ин асари безавол дар радифи муҳимтарин осори муаррифкунандаи мероси асили фарҳангу адаби тоҷику форс қарор дошта, дар сар то сари он таблиғи ғояҳои хайрхоҳона, ифтихорот аз дастовардҳои аҷдодӣ ва давлатдориҳои миллӣ ҷой дорад, он дар шароити ниҳоят пурталотуми имрӯзаи ҷаҳон барои тарбияти насли наврас дар рӯҳияи озодагӣ, ватандӯстӣ, сидқу сафо, вафодорӣ, муттаҳидӣ ва амсоли инҳо хеле муҳим аст.

Дар ташаккули афкори иҷтимоӣ - фалсафии Фирдавсӣ таъсири дин, фалсафа, маданият, арзишҳои таърихӣ, расму ойинҳо мушоҳида карда мешавад. Афкори Фирдавсӣ бо назардошти ақидаҳои фалсафӣ, иҷтимоиву сиёсии ҳамон давра ташаккул ёфтааст. Аз ин рӯ, сарчашма ва заминаҳои асосии ташаккули афкори иҷтимоӣ - фалсафии Фирдавсӣ таҳлили илмӣ карда шудаанд.

Дар шароити кунунии ҷаҳони пурихтилоф, ки гуногунии фарҳангҳо мушоҳида мешавад, зарурат пеш омадааст, ки ақида ва ғояҳои иҷтимоӣ - фалсафии мутафаккирони тоҷику форс, аз он ҷумла, Абулқосим Фирдавсӣ, ба таври дақиқ омӯхта шаванд, зеро он имкон фароҳам меорад, ки назарияи рушди иҷтимоии ҷамъият дар шароити имрӯза таҳия гардад, мавриди истифода қарор дода шавад ва дар он замина камбудиҳои ҷойдошта бартараф гарданд. Дар “Шоҳнома” на танҳо таърихи сулолаҳо ва тавсифи паҳлавонҳо гирд оварда шудааст, балки дар он сатҳи давлату давлатдорӣ ва рушди ҷомеа, масъалаҳои мухталифи ҷанг, амнияту бехатарӣ ва ифтихори миллӣ баррасӣ гардидаанд. Омӯзиши ин масъалаҳо ва дар амал татбиқ намудани онҳо дар шароити имрӯза ниҳоят муҳим буда, барои дар рӯҳияи худогоҳиву худшиносӣ тарбия намудани афроди иҷтимоӣ мусоидат менамояд.

Диссертант қайд менамояд, ки масоили ҷангу сулҳ, давлату давлатдорӣ, сулҳу амният ва ифтихори миллӣ, ки дар «Шоҳнома» матраҳ шудаанд, муҳим ва актуалӣ буда, ба таҳқиқи вижа ниёз дорад, То ҳол паҳлӯҳои мухталифи ин масъала норӯшан мондааст ва омӯзиши мавзӯи мазкур имкон медиҳад, ки проблемаи ҷанг ва сулҳ, таъмини бехатарии давлат ва ифтихори миллӣ аз нуқтаи назари фалсафӣ таҳқиқ карда шаванд.

Диссертант қайд менамояд, ки омӯзиши ақидаҳои Фирдавсӣ моро бо равандҳои асосии рушди ҷомеа шинос намуда, имкон фароҳам меорад, ки ба проблемаҳои ҷамъият ва давлату давлатдорӣ равшанӣ андозем ва донишу малакаҳои ба дастомадаро дар ҷаҳони пуртаззоди имрӯза истифода барем.

Ҳаёти ҷамъиятӣ дар мисоли қиссаҳо ва ривоятҳо нишон медиҳад, ки дар он хубӣ ва бадӣ, ҷанг ва сулҳ, ватанпарварӣ ва хиёнаткорӣ, зуроварӣ ва таҳаммулпазирӣ таҷассум ёфтаанд. Дар он ҷое, ки таъсири хубӣ паст ва ночиз мегардад, бадӣ бо дарназардошти сифатҳои ҳирсӣ, бухлу тамаъкорӣ ва дигар омилҳои манфӣ ғалаба мекунад. Лекин чунин хислатҳои манфӣ дер давом намекунад, чунки дар охир ба ҳамаи он нигоҳ накарда, хубӣ бо дарназардошти сифатҳои некӣ, ҳақиқатҷӯӣ,

таҳаммулпазирӣ дастболо мешавад. Дар муқобили некӣ Фирдавсӣ чунин ақидаҳои фалсафии бадиро бо маҳорати баланд ҷойгир намудааст ва қайд намудааст, ки чи қадаре, бадӣ, зуроварӣ давом накунад дар охир онҳо ошкор карда мешаванд ва шахси бад ва бераҳму ҷоҳил ҷазои сазовори худро соҳиб мегардад.

Дар ҷаҳони муосир, ки зӯриву зӯроварӣ, ҷанг низоъҳо, шиддатнокии иҷтимоӣ афзалият пайдо намудаанд, мавзӯи сулҳу амонӣ, барқарор намудани сулҳ ва амният, таъмини ҳаёти осоишта яке аз масъалаҳои аввалиндараҷа ҳисобида мешавад. Дар ин самт аксарияти давлатҳо барномаҳои стратегии паст намудани шиддатнокии иҷтимоӣ, сиёсӣ ва иқтисодиро таҳия намуда, дар ҷустуҷӯи роҳу воситаҳои ба эътидол овардани вазъият мебошанд. Аз ин рӯ, омӯзиш, баррасӣ ва таҳлили афкори иҷтимоӣ - фалсафии Фирдавсӣ оид ба ҷанг ва сулҳу субот, оромии ҷомеа маводе мебошад, ки барои ҷомеаи ҷаҳонӣ ибратомӯз ба ҳисоб меравад.

Таҳлили консепсияи «волоияти ақлу заковат» масъалаи актуалӣ ба ҳисоб рафта,ҳалли он ба таври мунтазам ба роҳ монда мешавад. Дар чунин ҳолаттанҳо ақли солим метавонад, ки мухолифатҳои мавҷударо бартараф намояд. Аз дигар тараф, дар асоси ақли солим имконият ба даст меояд, ки пояҳои давлату давлатдорӣ устувор гардад, ифтихори миллӣ дар ҷаҳони муосири пурихтилоф мавқеи худро соҳиб гардад.

Диссертант қайд менамояд, ки фалсафии Фирдавсӣ метавонад барои устувор гардидани пояҳои давлату давлатдорӣ мусоидат намуда, ба баланд гардидани ифтихори миллии ҷавонони имрӯза дар Тоҷикистон ҳамчун заминаи боъэтимод баромад намояд.

Диссертант иброз менамояд, ки дар «Шоҳнома» Фирдавсӣ, бештар ба масъалаҳои иҷтимоӣ – сиёсӣ таваҷҷӯҳ намудааст. Масоили мухталифе, ки дар Шоҳнома иброз шуда, аз тарафи муҳаққиқони зиёде мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода шудааст. Муҳаққиқони аврупоӣ, асосан, ба ҳаёт ва фаъолияти Фирдавсӣ диққат дода, сипас ба таҳлили ақидаҳои иҷтимоӣ – фалсафии Фирдавсӣ шурӯъ кардаанд, мавқеъ ва нақши ӯро дар фарҳанги форсу - тоҷик ва умуман халқҳои ҷаҳон, муайян намудаанд.

Арзиши таҳқиқоти мазкурро чунин арзёбӣ намудан мумкин аст: дар муқаддима дастгоҳи илмӣ пайдарпай ва дуруст пешниҳод карда шудааст; мафҳум ва категорияҳои ифтихори миллӣ ва давлату давлатдорӣ пурра баррасӣ гардидааст, ки

самаранокии ҷанбаи методологии таҳқиқотро таъмин менамояд; дар боби якум масъалаҳои назариявӣ ва методологии мавзӯъ, сарчашмаҳои асосии ташаккули афкори фалсафии Фирдавсӣ арзёбӣ гардидааст, ки ба иҷрои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ҷавобгӯ аст; муаллиф дар таҳқиқоти худ аз сарчашмаҳои мухталифи илмӣ истифода намудааст, асосан ба худи “Шоҳнома” такя намудааст; методологияи интихобгардида ба мақсад ва вазифҳои таҳқиқотӣ мувофиқ аст.

Дар диссертатсия навгониҳо барои ҳимоя ба таври мушаххас пешниҳод карда шудаанд:

- ба таври маҷмӯавӣ асосҳои назариявӣ ва методологии омӯзиши давлату давлатдорӣ ва ифтихори миллӣ дар асоси сарчашмаҳои фалсафӣ ва сиёсӣ таҳқиқ карда шуд, моҳият, хусусиятҳо ва самтҳои инкишофи ифтихори миллӣ дар шароити муосири давлату давлатдорӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуда, аҳамияти он ошкор карда шуд;

- таълимоти Авасто ва Зардуштия ҳамчун сарчашмаҳои ғоявии ташаккули ақидаҳои ахлоқӣ ва иҷтимоию - сиёсии Фирдавсӣ мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода шуд;

- ба таври маҷмӯавӣ муайян шуд, ки вазъияти иҷтимоиву сиёсӣ заминаи ташаккули афкори Фирдавсӣ оид ба давлату давлатдорӣ ва ифтихори миллӣ баромад менамояд;

- муайя карда шудааст, дар афкори Фирдавсӣ таъмин намудани сулҳу амонӣ заминаи асосии ташаккули ифтихори миллӣ ва таъмини амнияти давлату давлатдорӣ ба ҳисоб меравад;

- муайян карда шудааст, ки «Шоҳнома» ҳамчун дастурамал ва асари тарғиботии ғурури миллӣ ва оини давлату давлатдорӣ дар ҷаҳони муосир баромад намуда, дар тарбияи насли наврас мақоми хосса дорад.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои бадастомадаро минбаъд барои таҳқиқоти илий дар соҳаи таърихи фалсафа, фалсафаи иҷтимоӣ, этикаву эстетика, таҳияи дастуру воситаҳои таълимӣ-методӣ, тавсияи илмӣ-методӣ, фалсафаи дин, антропология, фарҳангшиносӣ ва курси махсуси лексияҳо истифода намуд. Натиҷаҳои таҳлили гузаронидашуда метавонад имконияти дарки масъалаҳои ҷанг ва сулҳ, ифтихори миллӣ, давлату

давлатдориро васеъ намояд, инчунин имконият медиҳад, ки хусусиятҳои зуҳуроти ифтихори миллӣ ва давлатдории муосир дарк карда шавад.

Ба матни диссертатсияи Азизов Комил Ҷурахонович дар мавзӯи **"Фалсафаи ифтихори миллӣ ва давлатдорӣ дар "Шоҳнома" – и Абулқосим Фирдавсӣ"** шинос шуда, метавон чунин хулосабарорӣ намуд, ки дар диссертатсия заминаҳои ташаккули афкори фалсафии Фирдавсӣ таҳлилу баррасӣ гардида, нақш ва мақоми фалсфаи ифтихори миллӣ ва давлату давлатдории Фирдавсӣ дар шароити имрӯза ошкор карда шудааст, ба хотири тақвияти ифтихори миллӣ ва давлату давлатдорӣ тавсияҳои илмӣ пешниҳод шудааст.

Дар натиҷа ҳайати комиссия ба чунин хулоса омад:

1. Диссертатсия ба талаботи илмии таҳқиқоти таърихи фалсафа ҷавобгӯ буда, моҳият, хусусиятҳо заминаҳои фалсафаи ифтихори миллӣ ва давлату давлатдории Фирдавсӣ дуруст инъикос гардидааст. Сарчашмаҳои илмии таҳлили воқеии фалсафӣ, методологияи мувофиқи фалсафии омӯзиш дар сатҳи зарурӣ ифода гардидаанд.

2. Тавсиф ва таҳлили фалсафаи ифтихори миллӣ ва давлату давлатдорӣ, нақш ва мақоми ин падидаҳо дар шароити имрӯза дар доираи таҳқиқоти ҳамаҷонибаи фалсафӣ пешниҳод шудааст.

3. Диссертатсия ба ихтисоси 09.00.03– таърихи фалсафа мувофиқат мекунад.

4. Мазмуну муҳтавои автореферат ба мазмуни рисола мувофиқат мекунад.

5. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсия, хулоса ва тавсияҳои Азизов Комил Ҷурахонович дар 9 мақолаи илмии ӯ, ки аз ин шумора сетояш дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз ҷониби КОА –и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд, дарҷ шудааст.

6. Пешниҳод карда мешавад, ки доир ба диссертатсияи Азизов Комил Ҷурахонович ба ҳайси муассисаи тақриздиҳанда Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат таъин карда шавад.

7. Пешниҳод карда мешавад, ки ба ҳайси муқарризони расмӣ ба диссертатсияи Азизов Комил Ҷурахонович дар мавзӯи **"Фалсафаи ифтихори миллӣ ва давлатдорӣ дар "Шоҳнома" – и Абулқосим Фирдавсӣ"** мутахассисони зерин таъин карда шаванд:

-Атоев Атовулло Мухторович доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи умумидонишгоҳии фалсафаи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б. Ғафуров: Давлатов Пулодҷон Нуралиевич номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии факултети фалсафаи Донишгоҳии миллии Тоҷикистон

8. Барои ворид намудани автореферати диссертатсия ва эълони ҳимоя дар сомонаи ДМТ ва КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

9. Барои чоп намудани автореферати диссертатсия, пас аз таҳрир иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ**:
доктори илмҳои фалсафа,
профессор, /____________/ Зиёев Идибег Ғозиевич

**Аъзоёни комиссия:**
доктори илмҳои фалсафа,
профессор, /____________/ Самиев Бобо Ҷураевич

доктори илмҳои фалсафа,
профессор, /____________/ Маҳмадова Меҳринисо Файзалиевна